В А Р А Қ А И И Т Т И Л О О Т И И С Б М

СБМ ТОҶИКИСТОН
Гузаргоҳи дувуми кӯчаи
Азизбеков 22А
Душанбе, 734013
Тоҷикистон
Тел: +992 372 21 03 02
Факс: +992 372 51 00 62
Почтаи электронӣ:
iomdushanbe@iom.tajnet.com

IOM TAJIKISTAN

Душанбе, 13-14-уми марти 2009

МИЗИ МУДАВВАР
«ТАЪСИРИ БӮҲРОНИ ҶАҲОНИИ МОЛИЯВӢ БА РАВАНДҲОИ МУҲОҶИРАТ ДАР ТОҶИКИСТОН»

Рӯзҳои 13-14-уми марти соли 2009 аз соати 9:00 то соати 12:00 васоити ахбори умум ба мизи мудаввар дар мавзӯи «Таъсири бӯҳрони ҷаҳонии молиявӣ ба равандҳои муҳоҷират дар Тоҷикистон» даъват карда мешаванд. Ин чорабинӣ дар Маҷмааи «Кохи Ваҳдат» воқеъ дар кӯчаи Рӯдакӣ 107 баргузор мегардад.

Мизи мудаввarро Комиссияи байниидоравии танзими равандҳои муҳоҷирати назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамроҳ бо Созмони Байналмилалии Муҳоҷират дар Тоҷикистан дар доираи Барномаи СБМ ва Иттиҳоди Аврупо оид ба маҳоҷират дар Осиёи Марказӣ бо дастгирии Созмони Амният ва Ҳамкорӣ дар Аврупо ва Барномаи Рушди Созмони Милали Муттаҳид ва дигар ҷонибҳои манфиатдор доир менамояд.

То замони сар задани бӯҳрони молиявӣ ва таъсири он ба иқтисодиёт, талабот ба муҳоҷирон дар Русия тамоюли зиёдшавӣ дошт. Ин махсусан дар шаҳрҳои бузурги Русия ва минтақаҳои дорои иқтисодиёти зудрушдкунанда назаррас буд. Ба ин нигоҳ накарда, муҳоҷирони меҳнатӣ, аз ҷумла муҳоҷирони тоҷик ҷойҳои кории барои мардуми бумии Русия ғайримаъмулро банд кунанд ҳам, вале бӯҳрони иқтисодӣ дар навбати аввал сабаби ихтисор ва аз кор озод шудани қувваи кории хориҷӣ гардид.

Ҳадафи асосии баргузор кардани ин чорабинӣ мусоидат намудан ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳияи сиёсати самарабахш ва андешидани чораҳои амалӣ ҷиҳати паст кардани хатар ва оқибати манфии бӯҳрони ҷаҳонии молиявӣ ба равандҳои муҳоҷират дар Тоҷикистон, истифодаи пурраи имкониятҳои нерӯии рушди муҳоҷират ва барқарор кардани муколама байни ҳамаи тарафҳои манфиатдор дар танзими равандҳои муҳоҷират дар кишвар мебошад.

Баъди ба анҷом расидани кори мизи мудаввал рӯзи 14-уми марти соли 2009 соати 14:00 нишасти матбуотӣ бо иштироки созмондиҳандагон ва аъзои гурӯҳи корӣ баргузор мешавад.

Барномаро Иттиҳоди Аврупо (ИА) маблағгузорӣ менамояд ва аз тарафи Созмони Байналмилалии Муҳоҷират (СБМ) амалӣ мегардад.

Барои маълумоти бештар бо телефонҳои зерин мурочиат намоед: 227-02-06, 227-02-07